Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077
Дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
(734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов -11/2)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)**

Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот): банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), банди 4 – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;).

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия:** Рисолаи номзадии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба яке аз ҷанбаҳои муҳимми раванди иттилоотонии соҳаи маориф бахшида шуда, мубрамияти он баҳсро талаб намекунад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ истифодаи воситаҳои иттилоотиву коммуникативӣ яке аз масъалаҳои муҳимми стратегӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити Тоҷикистон ворид ва мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар

барномаҳои миллӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ таҷассум ёфтаанд: Барномаи давлатии компютеркунонии мактабҳои маълумоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015; Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022; Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015; Стретегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайраҳо.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва панҷ фаслу хулоса иборат буда, хамчунин дар охир ба таври алоҳида тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ оварда шудааст. Ба ин тартиб, банду баст ва таркиби рисола барои таҳқиқи муфассал ва амики илмии мавзуъ мусоидат намуда, имкон додааст, ки муаллифи рисола дар ҳар боб алоҳида ва дар охир ба таври ҷамъбаст ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мавзуъро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои муҳим ва қобили эътимод бирасад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**: Рӯй овардани муаллифи рисола ба мавзуи мазкур аз чанд ҷиҳат қобили дастгирист. Қабл аз ҳама, дар ин самт мушкилот ва муаммоҳо зиёданд. Ба андешаи унвонҷӯй, монеа ва ихтилофоти асосӣ, ки ба ташаккули тарбияи таҳаммулпазирӣ халал мерасонанд, инҳоянд:

- ба таври маҷмуӣ роҳҳо ва воситаҳои ҷорӣ намудани принсипҳои ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим муайян карда шудаанд, ки ба рушди самараноки салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон мусоидат менамоянд;

- роҳҳои такмили усулҳои ташаккули салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии хонандагон, сохтор ва

амсилаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод шудаанд;

- ба таври маҷмуӣ баҳогузории амалӣ ва объективии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои азхудкунии хонандагон собит карда шудааст;

- нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон асоснок карда шудааст;

- равишҳои педагогӣ ба ташаккули салоҳиятҳои ТИК асоснок карда шуда, тавассути озмоиши педагогӣ санҷида шудаанд ва дар асоси онҳо хулоса ва тавсияҳо барои рушди салоҳиятҳои асосии ТИК-и хонандагон таҳия карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар шароити муосир, салоҳият ва салоҳиятмандӣ ҳамчун омили муҳимми рақобатпазирӣ ба ҳисоб меравaнд. Сатҳи баланди салоҳиятнокӣ дар иҷрои фаъолияти муайян, азхудкунии низоми донишҳо, қобилият ва маҳорат, инчунин ташаккули ҷаҳонбинии шахсӣ, ки талабот, муқаррарот, ангезаҳо ва тасаввуроти шахсро дар бар мегирад, бевосита ба сатҳу сифати салоҳиятҳои хонанда вобаста аст. Салоҳият ва салоҳиятнокӣ на танҳо дар раванди таълим, балки зери таъсири арзишҳои оилавӣ, муносибатҳои рафиқона, унсурҳои динӣ, арзишҳо ва анъанаҳои фарҳангӣ ташаккул меёбад;

- дар ташаккули салоҳияти хонандагон принсипҳои дидактикӣ, ки ба мазмун, метод ва шаклҳои таълим таъсир мерасонанд, аҳамияти калон доранд. Шартҳои муҳимми дидактикӣ дар ташаккули салоҳият ин ба инобат гирифтани нақши донишҳои назариявӣ, ягонагии вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда, ҳавасманднамоӣ ва муносибати мусбӣ ба таълим мебошанд;

- яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самаранок гардонидани тайёрии хонандагон ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии онҳо

мебошад. Аз ин рӯ, таъмини шароитҳо барои рушди маҳорати таҳлил ва таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкории субъектҳо зарур аст. Салоҳияти коммуникативӣ бо сатҳи азхудшудаи маҳорат ва малакаҳои нутқӣ, ки вазъияти рафтори кории нутқиро муайян менамояд, тасниф карда мешавад. Дар ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон технологияи бозӣ васеъ истифода бурда мешавад. Ташаккул ва рушди салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон аз салоҳияти зеҳнӣ вобаста аст, зеро он ҳамчун заминаи азхудкунии донишҳо дар соҳаҳои мухталиф баромад менамояд. Салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои камолоти зеҳнӣ ва ташаккули шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокӣ арзёбӣ мешаванд;

- ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимӣ амалӣ мегардад, зеро дар марҳилаи худогоҳӣ ва ҷаҳонбинӣ ташаккули шавқу рағбати хонанда ба миён меояд, ангезаҳои маърифатӣ қувват мегиранд, қарорҳои мустақил қабул мешаванд, худмукаммалнамоӣ ва худинкишофдиҳии шахсӣ амалӣ мешаванд. Ин ба мутахассис имкон медиҳад, ки вазифаҳои касбиро дар асоси донишҳо, малакаву маҳорат, мавзуъ ва модулҳои фаъолияти касбӣ, услубҳо, воситаҳо ва технологияҳои азхудшуда ҳал намояд. Таҳқиқотҳо дар самти истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълим нишон медиҳанд, ки истифодаи онҳо дар раванди таълим нисбатан самаранок аст;

- мақсади корҳои озмоишӣ аз муайян намудани самт ва марҳилаҳои кор нисбати ошкор намудани ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияи компютерӣ, ошкор намудани нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ ва муайян намудани сатҳи аввалини ташаккули салоҳияти хонандагон, таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ниҳоии корҳои санҷишиву озмоишӣ иборат аст. Солҳои охир саъю кӯшиш карда мешавад, ки методҳои мувофиқи ташхиси салоҳият ва салоҳиятнокӣ коркард карда шавад.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим» мафҳум ва моҳияти салоҳият ва салоҳиятнокӣ, шароит, омилҳо ва технологияи салоҳияти шахсии хонандагон, хусусиятҳои дидиактикии ташаккул ва инкишофи салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор дода шуданд.

Дар зербоби якуми боби якум «Омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар раванди таълим» муаллиф мафҳуми салоҳият ва салоҳиятнокиро мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор дода, мавқеи худро нисбати таснифоти ин мафҳумҳо пешниҳод намудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили таснифотҳои мухталифи салоҳият ва салоҳиятнокӣ, ҷанбаҳои мухталифи онҳоро ҷудо намудааст: истифодаи мувофиқи қобилиятҳои худ, ки самаранокии фаъолияти таълимиро таъмин менамояд; мустақилона ва ба таври доимӣ баланд намудани сатҳи донишҳо ва маҳоратҳо, мукаммал намудани қобилиятҳо, ки барои иҷро намудани вазифаҳо зарур мебошанд; зоҳир намудани мобилият ва мухторият дар ҳалли масъалаи таълимӣ; ҳамкории фаъол бо ҳамсинфон дар муҳити таълимӣ, баррасии масъалаҳои мухталиф бо ҳамсинфон; қобилияти интегратсия ва сафарбар намудани дониш, маҳорат, таҷриба, муқаррарот ва қобилият, ки ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ мусоидат менамоянд; рушди қобилияти худтанзимнамоӣ, худбаҳодиҳӣ, ки ба мутобиқат гардидан ба вазъияти тағйирпазирро таъмин менамояд.

Дар зербоби дуюми боби якум «Хусусиятҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳо дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» истифодаи шаклҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ карда шудааст.

Роҳҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ, дастрасӣ ба ҳаҷми бузурги иттилоот, коркард, қувват гирифтани имкониятҳои маърифатӣ ва таҳқиқотӣ, ташкили ивазнамоии иттилоот дар асоси мазмуну мундариҷаи фаъолият таъмин карда мешавад. Фаъолияти таълимӣ дар асоси истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ аз унсурҳои зерин, ба монанди вазифаи таълимӣ, системаи амалҳои таълимӣ, моделсозии мундариҷаи объектҳои азхудшуда, дигаргуннамоии шакл, амалҳои худбаҳогузорӣ ва назорат иборат аст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Муаллиф қайд менамояд, ки интихоби захираҳои таълимии электронӣ бояд бо назардошти талабот ба баҳогузории сифат ва мутобиқати онҳо ба мақсадҳои таълим амалӣ карда шаванд. Нишондиҳандаҳои умумии баҳогузории захираҳои аслии навъҳои гуногун мутобиқат ба талаботи пешниҳоди иттилоот дар шакли электронӣ, инчунин мавҷудияти далелҳо, эътимоднокӣ ва аҳаммияти иттилооти пешниҳодшавандаро тасдиқ менамояд, ба ҳисоб меравнад.

Муаллиф зикр намудааст, ки ба инобат гирифтани нақши пешбари донишҳои назариявӣ дар раванди таълим зарур аст. Ин шарти дидактикӣ ба мақсаднок будани чунин ташкили раванди дидактикӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ нишон медиҳад, ки дар он омӯзиши микдори нисбатан бузурги маводи таълимӣ, тарзе ба роҳ монда мешавад, ки дар марҳилаҳои аввал хонанда ба таври умумӣ оид ба мундариҷаи назариявӣ тасаввурот пайдо намояд, сипас дар марҳилаҳои ҷорӣ навъҳои алоҳидаи мазмуну мундариҷаи саволҳои алоҳидаи таълимӣ омӯхта шаванд.

Мавзуъбандии боб, масъалагузориҳо, ҳалли масоил ва натиҷагириҳои боби мазкур мувофиқи мақсад аст. Муҳаққиқ ҳар як

бобро бо далелҳо мушаххас намудааст, ки ин яке аз сифатҳои хуби кори илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуюми диссертатсия «Амсилаи педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» масъалаҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми таркии салоҳияти хонандагон, ташаккули салоҳияти хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ баррасӣ гардида, натиҷаи корҳои санҷишиву озмоишӣ баён гардидаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм «Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна» масъалаи ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ салоҳиятҳои калидӣ, аз он ҷумла салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст. Хонандагони салоҳиятнокро метавон танҳо дар раванди ҳамкориҳои фаъоли коммуникативӣ тайёр намуд. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои рушди маҳорати таҳлил ва таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкориии субъектҳо тамоми шароитҳо таъмин карда шаванд.

Дар таҳқиқоти илмии муосир ба мазмуну мундариҷаи салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми таркибии ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокии хонандагон ва роҳу воситаҳои ташаккули он диққати махсус равона карда шудааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки фаҳмиши хуби тарафайн, алоқаҳои хуб ба роҳ мондашуда омили муҳимми муносибати мусбии байни тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дар байни онҳо буда, фаҳмиши нодуруст ва ғалат метавонад муноқишаҳо, зиддиятҳо, корпартоӣ ва дигар падидаҳои манфиро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, шахс бояд кӯшиш кунад, ки усулҳои

таъсирбахши муоширатро, яъне қобилияти фаҳмидани дигаронро омӯзад. Хусусияти салоҳияти коммуникативии шахсият самтгириҳо дар соҳаи муошират, маърифат ва муносибатҳои байнишахсӣ, донистани қонуниятҳои мантиқӣ, одоби муошырати шифоҳӣ, технологияҳои коммуникативӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун маҷмуи донишҳои ташаккулёфта, қобилиятҳои коммуникативӣ ва ташкилотӣ, маҳорати худназораткунӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «Ташаккули салоҳияти хонандагон дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ташаккул ва инкишофи салоҳияти хонандагон дар истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки истифодаи технология, шакл ва методҳои нав дар раванди таълим ба ташаккул ва инкишофи мустақилият, худташкилнамоӣ, худомӯзӣ, худинкишофдиҳии хонанда мусоидат намуда, муқаррароти арзишӣ пайдо мешавад. Ин ба хонанда имкон медиҳад, ки вазифаҳоро дар асоси донишҳо, малакаву маҳорат, мавзуъ ва модулҳои фаъолият, услубҳо, воситаҳо ва технологияҳои азхудшуда ҳал намояд. Дар ин самт истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мувофиқи мақсад аст. Зеро онҳо имконият медиҳанд, ки самаранокии раванди таълим таъмин карда шавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ дар раванди таълим самаранокии онро таъмин менамояд. Ҷиҳати мусбӣ дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон метавонанд миқдори зиёди вазифаҳои шавқовар ва диққатҷалбкунандаи иловагии инфиродиро иҷро намоянд, Илова бар ин истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ хонандагонро ба ташаббускорӣ ҳавасманд менамояд, ки дар доираи таълимоти анъанавӣ ғайриимкон аст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм «Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он» раванди гузаронидани корҳои таҷрибавӣ озмоишӣ ва

натиҷагирӣ аз он баён гардидаанд. Қайд карда шудааст, ки омӯзиши равандҳо ва падидаҳои педагогӣ ҳамеша санҷиши озмоишии фарзияҳои пешниҳодшударо талаб менамоянд. Воситаи боэътимоди ба даст овардани далелҳо озмоиши педагогӣ - навъи таҷриба мебошад, ки дорои хусусияти маърифатӣ, мақсаднокӣ, таҳқиқотӣ, методӣ буда, дар доираи шароити махсуси муайяншуда гузаронида мешавад. Корҳои озмоишӣ ин методи эмпирикӣ мебошад, ки ғояи асосии он дар дарки падида ва равандҳо дар шароити идорашаванда ва назоратшаванда зоҳир мегардад.

Мақсади корҳои таҷрибавӣ муайян намудани шароитҳои дидактикии ташаккул ва инкишофи салоҳияти хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи корҳои санҷишӣ - озмоишӣ муваффақияти фаъолияти таълимиву маърифатии хонандагон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин самт фаъолияти онҳо, сатҳи рушди онҳо, сатҳи дониш, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим ҳамчун нишондиҳанда истифода гардиданд. Натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ нишон доданд, ки сатҳи ассимилятсияи маводи омӯхташуда, сатҳи дониши малакаҳои таълимӣ ва маърифатӣ, сифати дониш баландтаранд.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқоти сомондодаи хеш дар интиҳои диссертатсияи худ ба натиҷагирии комили илмӣ омадааст, ки падидаи мазкур боиси афзунии арзиши илмии таҳқиқ гардидааст. Ҳамин тариқ аз назари доираи таҳқиқ тозакорию навоварӣ, методи таҳлил, арзиши илмии диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло комилан ҷавобгӯйи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Муҳтавои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмии назариявӣ ва амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба

номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар 8 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 3-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводи конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи мазкур ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ" (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493), ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо забони равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳо дар рисола якчанд норасоиҳои ҷузъии ислоҳталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзояд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф дараҷаи омӯзиши мавзуъро муайян намуда, дар ҷанбаҳои мухтилифи он олимону муҳаққиқонро номбар намудааст. Хуб мешуд, ки дар ҳар як ҷанбаи зикргардида, рисола ё монографияи яке аз олимон ва муҳаққиқони зикргардида ба таври пурра мавриди таҳлил қарор дода мешуд;

2. Дар фарзияи таҳқиқот муаллиф ҷанбаҳои самаранок гардидани раванди таълимро дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатӣ номбар намудааст. Хуб мешуд, ки дар ин самт бештар ба коркард ва истифодаи методҳои интерактивӣ диққати назаррас равона менамуд;

3. Ба назари мо, вазифаҳои таҳқиқ такмилро талаб намуда, дар феҳристи адабиёти рисола баъзе камбудихо низ ба назар мерасанд;

4. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳо ва хатоҳои имлоиву техникӣ дар матн ба чашм мерасанд;

Албатта, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд. Дар маҷмуъ метавон баён намуд, ки диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ" кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва маколаҳои ба чоп расонидаи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз омодагии баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло кори ба итмом расидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона

дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло дар мавзуи Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот), пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Муқаррizи расмӣ:
муовини ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Рафиев Сафархон Аюбович

02.07.2025

**Суроға**: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.
Тел.: (833-22) 2-35-07, 918 57 94 47.
E-mail: safarkhon@mail.ru

“Имзои Рафиев С.А.-ро тасдиқ мекунам”.
Сардори аёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

02.07.2025